# ТАҚРИЗИ
## роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович

Шарипов Р.С. чунин фаъолияти таҳсилотӣ ва корӣ дорад: солҳои 1991-1995 - муҳассили муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15 ноҳияи Муъминобод; солҳои 1995-2002 - муҳассили муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 ноҳияи Восеъ; солҳои 2002-2007 - донишҷӯйи факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ бо ихтисоси муаллими математика-информатика; солҳои 2006-2008 - омӯзгори фанни математика-информатика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 7-и ноҳияи Нуробод; солҳои 2008-2009 - оператори танзими барномаҳо дар муассисаи давлатии Телевизиони Кӯлоб; солҳои 2009-2013 - ассистенти кафедраи риёзӣ-табиатшиносии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; солҳои 2013-2015 - мудири шуъбаи илми Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; солҳои 2015-2019 - сардори бахши идоракунии сифати таҳсилоти Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; солҳои 2019-2020 - декани факултети табиатшиносии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; солҳои 2020-2022 сардори маркази бақайдгирии низоми кредитии таҳсилот ва тестии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Айни замон вазифаи саромӯзгори кафедраи риёзӣ-табиатшиносии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро ба уҳда дорад.

Муаллифи якчанд корҳои илмӣ: “Рушди фарҳанги интернетии донишҷӯёни коллеҷҳо” (монография), “Бархӯрдҳои назариявӣ нисбати фарҳанги интернетии донишҷӯён дар таълифоту таҳқиқоти муосир”, “Ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогии ташаккул ва рушди фарҳанги инсон”, “Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги интернетии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ”, “Фарҳанги интернетӣ – падидаю зуҳуроти иҷтимоӣ”, “Интернет ва таҳаввулоти фарҳангӣ дар асри рақамӣ”, “Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги интернетии донишҷӯён”, “Роҳзаниҳои компютерӣ ва мушкилоти он”, “Мӯъҷизаи себи Стив Ҷобс” ва чанде дигар.

Дорандаи “Ифтихорнома” - и Кумитаи тадорукоти конференсияи илмӣ назариявии вилояти Хатлон, августи соли 2011, “Ифтихорнома” - и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб, ноябри соли 2011 ва “Ифтихорнома” - и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии

Тоҷикистон, июни соли 2022 мебошад. Инчунин барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз 11.08.2023, №1085 бо нишони Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон қадр карда шудааст.

Дар муддати кор аз болои диссертатсия Шарипов Р.С. худро ҳамчун мутахассиси донишманд, масъулиятнок ва бофаросат дар соҳаи таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба технологияҳои иттилоотӣ ва хосатан дар мавзуи "Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ" нишон додааст. Қобили тазаккур аст, ки кори диссертатсионии Шарипов Р.С. ҳанӯз аз солҳои нахусти кору фаъолияти омӯзгориаш зимни хондани маърӯзаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои тахассусӣ дар асосу заминаи мисолу намунаҳо сурат мегиранд, ки баъдан заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

Муҳимияти мавзуи диссертатсия вобаста ба он аст, ки ҷомеаи иттилоотиро метавон ҳамчун як марҳилаи ташаккули тамаддуни муосир баррасӣ кард, ки ба он нақши афзояндаи дониш, технологияҳои коркарди иттилоот, афзоиши шумораи одамони дар соҳаи иттилоот коркунанда, афзоиши ҳиссаи маҳсулот ва хизматрасониҳои иттилоотӣ хос мебошад. Ҳамзамон, Интернет тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро, аз ҷумла, раванди таълимро сифатан тағйир медиҳад. Тааҷҷубовар нест, ки Интернет имконоти иртиботро ба таври назаррас афзоиш медиҳад ва корбаронро барои иштироки фаъолона дар онҳо таъмин менамояд, барои бисёр муҳаққиқон падидаи даврони мо, рамзи аслии он мегардад.

Шарипов Р.С. зимни иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту маҳорати мустақилона, пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Унвонҷӯ барои ташаккули бархӯрди нав дар омӯзишу парвариши муҳассилин дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва рушди фарҳанги интернетӣ мусоидат карда метавонад ва натиҷаҳои санҷишу татбиқи таҳқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ менамоянд.

Ҳангоми пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ Шарипов Р.С. худро ба тариқи мусбат нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як муҳаққиқи мулоҳизакор буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм кунад, натиҷаҳои дастрасшударо баррасӣ ва таҳлил намояд ва роҳу усулҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани таҳқиқот муайян кунад. Баррасиҳои

илмӣ-назариявӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидаи муҳаққиқ Шарипов Р.С. дар робита ба истифодаи ТИК ва рушди малакаҳои корбарии Интернет бо роҳу усулҳои муосиру навтарин дар 1 монография ва 6 мақолаҳои илмии нашрнамудаи ӯ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Муассисаи давлатии КОА-и назди Президенти ҶТ инъикос ёфтаанд.

Дар маҷмӯъ муҳаққиқ Шарипов Р.С.-ро ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф карда, таъйид кардан мумкин аст, ки метавонад мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташударо уҳда кунад.

Ҳамчун роҳбари илмии муҳаққиқ, таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Р.С.-ро ба тариқи мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро ҷиҳати муҳокима ва дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) тавсия менамоям.

21-уми сентябри соли 2023

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
Корманди шоистаи Тоҷикистон,
профессори ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҷ.Алимӣ

Имзои профессор Ҷ.Алимиро
тасдиқ мекунам: сардори РК ва КМ
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ф.Амиров

Маълумот дар бораи иртибот: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16,
Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26, Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj